# Либоси миллӣ – баёнгари фарҳанги миллӣ

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 29 Май, 2023 - 10:08
Ҳар як миллат соҳиби таърих, забон, фарҳанги миллӣ, арзишҳо ва муқаддасоти худ мебошад, ки дар арсаи байналмилалӣ бо ин нишонаҳо муаррифӣ карда мешавад. Дар радифи ин арзишҳо либоси миллӣ низ муаррификунанда ва баёнгари фарҳанги миллии халқи тоҷик маҳсуб меёбад.
Бояд зикр намуд, ки ба арсаи чаҳонӣ баровардани ҳунарҳои мардумӣ, аз ҷумла, либоси зебои миллӣ – атласу адрас ва чакан, ҳамчун сарвати нодир ва бебаҳои зеҳнии мардуми тоҷик бо шарофати сиёсати хирадмандона ва табъу завқи баланд, оянданигарии поянда ва меҳанпарастии беҳамтои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳандозӣ гардидааст.
Либоси миллӣ, хусусан, чакану чаканпӯшӣ ҳамчун рамзи ифодагари фарҳанги миллӣ таърихи куҳан дошта, имрӯз низ бонувони тоҷик онро бо ифтихору қаноатмандӣ бо нигораҳои хоси тоҷикӣ медӯзанду мепӯшанд.
Исботи ин фикрро дар фарҳангномаҳои муътабар, аз ҷумла, «Бурҳони қотеъ» (соли 1652), «Фарҳанги Рашидӣ» (1653), «Кашф» (1780) «Ғиёс-ул- луғот» (соли 1827) пайдо намудан мумкин аст. Мафҳуми чакан дар фарҳангномаҳои мазкур дар шакли «чакин», «чикин» дар паҳлавӣ «ҷома», «чакома», «чакомак», дар форсӣ «чамона», дар гурӯҳи забонҳои славянӣ – русӣ, украинӣ, белорусӣ ва булғорӣ “чеканка” омадааст, ки маънии нақшу нигорҳоро дорад.
Албатта, ҳар як нақшу нигор ва интихобу ранги риштаву матоъ дақиқкорӣ, донишу маърифат ва маҳорату малакаи ҳунари дӯзандагии занону духтарони тоҷикро нишон медиҳад. Зеро, ҳар як нақшу нигораи дар куртаи чакан тасвирёфта, дар худ як маънорo таҷассум менамояд. Аз ҷумла, ду гулдоираи рӯйи пироҳани чакан орзуву ҳавас, хандаву шодӣ ва бахту саодатро ифода намуда, дар рӯзҳои иду ҷашнҳо занону бонувони тоҷик онро ба бар мекунанд.
Пӯшидани либоси миллӣ ин пеш аз ҳама арҷ гузоштан ба фарҳанги миллӣ ва анъанаҳои аҷдодӣ, баланд бардоштани фарҳанги либоспӯшӣ ва аз байн бурдани тамоюли бегонапарастиро баён мекунад.
Арзишҳо ва фарҳангҳо тавре маълум аст, бо мурури замон аз насл ба насл ҳифз шуда омадаанд ва гузаштагони миллати мо кӯшидаанд, то фарҳанги миллӣ ва муқаддасоти миллии мо пойбарҷо боқӣ монад.
Зикр кардан ба маврид аст, ки халқи тоҷик ҳамчун ҷузъи ҷомеаи башарӣ, миллати соҳибтамаддун, соҳибдавлат ва озоду мустақил буда, дорои
фарҳанги миллии худ мебошад.
Аз ин рӯ, ҳамчун ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ, яъне ба ҳам наздикшавии фарҳангҳои гуногуни олам қарор дорем.
Албатта, дар раванди ҷаҳонишавӣ – ба ҳам омадани тамаддунҳо мо аз ҳарвақта дида, бештар ба тарғибу ташвиқи фарҳанги миллӣ, хусусан, либоси миллӣ ҷидду ҷаҳд намоем. Мо бояд либоси миллии хешро бо тарҳу намуди нав ба бар намуда, ба дигар халқу миллатҳо нишон диҳем, ки фарҳанги миллии мо бо мурури замон аз насл ба насл гузаштаву ҳифз шуда истодааст. Яъне ба дунёи мутамаддин бо таъриху фарҳанг ва либоси миллии хеш тоҷикона ворид шавем, то ки ҷаҳониён низ ба фарҳанги миллии мо арҷгузор бошанд.
Чун либоси миллии мо нишон ва як рукни фарҳанги мост. Бинобар ин, имрӯз дар руҳияи ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, худшиносию худогоҳӣ тарбия кардани насли ҷавон, шукри истиқлоли Ватану давлатро намудан, шукри суботу оромӣ кардан ва барои ваҳдати ҷомеа талош доштану бегонапарастӣ накардан яке аз вазифаҳои муҳими ҷомеаи мо дониста мешавад.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** 5

Баҳои миёна: 5 (3 овоз)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [1]

**Манбаъ::**https://istilohot.tj/tg/content/libosi-milli-bayongari-farkhangi-milli?mini=2027-03&page=26

**Пайвандҳо**
[1] https://istilohot.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7